Ба *Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон*
(*734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14*)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Одиназода Сафаралӣ Пулодхон дар мавзуи «Такмили идоракунии давлатии бахши бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

Таҳқиқоти мазкур ба масоили такмили идоракунии давлатии бахши бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки як ҷузъи муҳими рушди иқтисодӣ мебошад, равона шудааст. Ҳадафи асосии таҳқиқоти гузаронидашуда ин дарки механизми идоракунии давлатии бахши бонкӣ ва дар ин асос пешниҳоди тавсияҳои илман асоснокгардида мебошад. Дар таҳқиқот, масъалаи назорати давлатӣ ва танзими муассисаҳои бонкӣ бо назардошти стандартҳои ҷаҳонӣ ва талаботи муосир баррасӣ мешавад. Муҳимияти рушди низомҳои идоракунии бонкӣ, ки қобилияти таъмини устувории молиявӣ ва рушди бозори қарзиро доранд, таъкид гардидааст. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳад, ки Тоҷикистон ба рушди идоракунии муассисаҳои бонкӣ барои мутобиқ кардани онҳо ба талаботи ҷаҳонӣ ва беҳтар кардани инфрасохтори молиявӣ ниёз дорад. Таҳлилҳо собит намуданд, ки таҳкими ҳифзи сармоя ва баланд бардоштани сатҳи шаффофият дар фаъолияти бонкӣ метавонад сатҳи эътимодро дар байни шаҳрвандон ва сармоягузорон афзоиш диҳад.

Барои такмили механизмҳои давлатӣ дар бахши бонкӣ метавон як қатор чорабиниҳоро дар назар гирифт, ки онҳо метавонанд ба ин раванд кӯмак расонанд, ки муаллифи автореферат дар раванди таҳқиқотҳои худ қариб ҳамаи онҳоро мавриди муҳокима қарор додааст.

Дар баробари ҳамаи ин, натиҷаи таҳқиқотҳои муаллиф собит намуд, ки ташкилотҳои қарзии давлатӣ дар раванди пешбурди фаъолияти бонкӣ дар ҳудуди кишвар мавқеи асосиро касб намуда, дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ мавқеи устуворро соҳибанд, дар робита ба ин дурнамои рушди фаъолияти бонкҳои давлатӣ аз ҷониби муаллиф коркард гардида аст. Албатта, тибқи дурнамои таҳиянамудаи муаллифи автореферат - Одиназода С.П. дар давоми солҳои 2025-2030 ҳиссаи бонкҳои давлатӣ дар сармояи низоми бонкӣ то ба андозаи 37% меафзояд ва имкониятҳои иқтисодии институтҳои мазкур тақвият меёбад.

Дар баробари муваффақиятҳо дар автореферат камбудиҳо низ мавҷуданд, ки аз ҷумлаи онҳо ин:

1. Муаллиф дар саҳифаи 11, расми 1-уми автореферат оид ба ҷанбаҳои асосии фаъолияти низоми бонкӣ дар иқтисодиётро мавриди муҳокима қарор додааст, лекин сохторҳои таркибии ин расм дар автореферат возеҳу равшан ба пуррагӣ кушода нашудаанд;

2. Дар саҳифаи 18, ҷадвали 4 муаллиф сохторҳои тавозуни бонкҳои давлатӣ нисбат ба бахши бонкӣ дар солҳои 2013-2022-ро таҳлили базавӣ намудааст. Хуб мебуд, агар муаллиф нишондиҳандаҳои КВД БССТ «Саноатсодиротбонк»-ро низ ба монанди нишондиҳандаҳои молиявии КВД БА ҶТ «Амонатбонк» дар давраи солҳои 2020-2023 таҳлили базавӣ менамуд.

Камбудӣ ва норасоиҳои номбаргардида қимати назариявӣ ва амалии таҳқиқоти мазкурро кам намекунад ва он ҳамчун хислати пешниҳодӣ (ё маслиҳатӣ) доранд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Одиназода Сафаралӣ Пулодхон дар мавзуи «Такмили идоракунии давлатии бахши бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст ба талаботҳои Низомномаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси номбурда мебошад.

**Муқарриз**

**Тақриздиҳанда**: мудири кафедраи менеҷмент, маркетинг ва иқтисодиёти меҳнати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон,

д.и.и., и.в.профессор Мирзоалиев А. А.

**Суроға: 734061 Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ш.Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ 1/2**
**Тел/факс +992 (372)348546**
**E-mail: menejment_08@mail.ru**

Имзои д.и.и., и.в.профессор Мирзоалиев А.А. –ро тасдиқ мекунам:

**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон** **Пирзода С.С.**